# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ)**

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии унвонҷӯ Мирзоев Ш.С. дар он зоҳир мегардад, ки дар сатҳи таҳсилоти умумии ибтидоӣ мувофиқи мақсад будани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо нияти беҳтар намудани самаранокии таълими забони хориҷиро омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба миён овардаанд.

Масъалаи дастгирии компютерӣ ё дигаргунсозии таҷрибавӣ, таҳлил ва ташкили проблемаҳои копютеркунонӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи кишвар қарор дошта, яке аз вазифаҳои марказии педагогикаи муосир ба шумор меравад, ки ин бо заминаҳои таърихӣ ворид шудан ба асри XXI дар шароити тағйирёбии куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии ҷомеа, яъне тамоили умумии истифодаи самараноки дастгоҳҳои мултимедӣ муайян карда мешавад. Муаллифи рисолаи илмӣ кӯшиш намудааст, паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо равшан намуда, таъкид менамояд, ки барои баланд бардоштани сатҳи забономӯзии хонандагони синфҳои ибтидоӣ метавон баръало аз технологияи компютерӣ истифода намуд.

Муҳаққиқ Мирзоев Ш.С. пас аз ба анҷом расониадани озмоиш ба хулосае омадааст, ки омузгорони фанни забони англисӣ барои ба натиҷаҳои баланд расидан (дар сатҳи баланд омӯзондани забон ба хонандагон) аз истифодаи технологияи компютерӣ дар дарс канораҷӯйи накарда, балки ҳар як дарси таълимиашонро ҳамроҳ бо технологияи кампютерӣ пешкаши хонандагон кунанд. Чунки истифодаи барномаҳои таълимии компютерӣ метавонанд шавқи хонандагонро дучанд зиёд намуда, кори омӯзгорро осон ва истифодаи самаранокии вақтро таъмин намоянд. Чунон ки ба ҳамагон маълум аст, имрӯзҳо хонандагон бештар ба телефону компютер ва дигар асбобҳои технологӣ машғул ҳастанд. Мо

омӯзгорон низ бояд таълими забони англисиро мувофиқ ба шавқу рағбати хонандагон ба роҳ монем.

Мирзоев Ш. С. иброз менамояд, ки ҳангоми истифодаи технологияи компютерӣ дар дарс хонандагон на танҳо дониши англисӣ, балки донишҳои компютериашонро низ метавонанд сайқал диҳанд. Омӯзгорони забони англисӣ ҳангоми истифодаи компютер, тахтаи электронӣ ва дигар таҷҳизотҳои технологияи компютерӣ дар рафти дарс метавонанд муҳити синфро рангин ва фикру хаёли хонандагонро ба дарс бештар ҷалб намуда, маводи дарсиро дар хотираи хонандагон хубтару бештар сабт намоянд.

Тавре ки муҳаққиқ қайд мекунад, мавқеи аёният барои дарки мавзӯи дарс хеле муфид аст. Дар асри илму технология дигар наметавонем лавҳаҳо (плакат) ва варақчаҳоро ҳамчун аёният дар даср истифода карда, шавқу рағбати хонандагонро нисбат ба мавзӯи дарс бедор намоем. Аз ин лиҳоз, мо омӯзгоронро мебояд дарсро бо истифода аз барномаҳои кампютерӣ гузаронида, сипас метавон боварӣ ҳосил намуд, ки дарс саршор аз аёниятҳост ва хонанда мавзӯи дарсиро бо ҳавас аз худ менамояд.

Мирзоев Ш.С. дар боби якуми диссертатсия *«Хусусияти хоси таълими забони англисӣ дар давраи муосири рушди ҷомеа барои хонандагони хурдсол»* фикру ақидаҳои олимону муҳаққиқони хориҷию ватаниро оиди таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ҷамъоварӣ намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «*Таъмини истифодаи технологии дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ*» муаллиф оиди роҳу усулҳои истифодаи барномаҳои таълимии кампютерӣ дар дарсҳои забони англисӣ маълумотҳои кофиро дарҷ намудааст. Дар ин боб муҳаққиқ Мирзоев Ш.С. як қатор барномаҳои компютериро, ки барои таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ кӯмак мерасонанд, ва ба синну соли онҳо мувофиқанд, ҷамъоварӣ намуда, хусусиятҳои онҳоро дарҷ намудааст.

Дар маҷмӯъ, зикр бояд кард, ки раванди таълими забони хориҷӣ дар синфҳои ибтидоиро аз мавқеи баланд бардоштани истеҳсолнокии он дар асоси истифодаи дастгирии комилан коркардшуда, муносиб, тавъам

(ҷиҳати дастрас ва сарфакорона будан) таҷдиди назар кардан мувофиқи мақсад аст.

Дар хулосаи таҳқиқот тавсияҳои илмӣ-методӣ оварда шудаанд, ки дар фаъолияти амалии омӯзгорони забони англисӣ мавриди истифода қарор гирифта, метавонанд ба онҳо кумакрасон бошанд.

Баъзе хатоҳои граматикию техникӣ дар матни автореферат дида мешавад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ин хатоҳо наметавонанд қимати илмии таҳқиқотро коста кунанд. Ба боварии комил метавон ин корро кори ба анҷомрасида ҳисобид.

Хулоса, автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Шуҳрат Саидаҳмадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълим ва тарбия (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
и.в. мудири кафедраи забони русии
Донишгоҳи (Славиянии)
Россия ва Тоҷикистон — Самадова Илмира Назришоевна

Имзои дотсент Самадова И. Н.-ро
тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
(Славиянии) Россия ва Тоҷикистон — Давлатов Хизр Ҳакимович

02.04.2021

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734028, ш.Душанбе, к.Мирзо Турсунзода 30.
Тел: (+992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru

ОТДЕЛ КАДРОВ
Подпись Самадовой И.Н. заверяю
Начальник ОК РТСУ
Давлатов Х.Х.
02.04.2021